# ХУЛОСАИ

**комиссияи экспертии Шӯрои диссертатсионии 6D.КОА-018 назди Донишгоҳи миллииТоҷикистон оид ба диссертатсияи номзадии Атаев Акмалхон Саидумарович дар мавзуи «Институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ» аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. - Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи́ соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ пешниҳод шудааст.**

1. Таҳқиқоти диссертатсионии Атаев А.С. фарогирандаи ҷанбаҳои назарияви ва амалии институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ мебошад, ки дар марҳилаи кунунӣ мубримияти бештарро пайдо намуда истодааст. Муносибатҳои шартномавӣ дар соҳаи пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ яке аз муаммоҳои ҷиддии ҳангоми баамалбарории фаъолияти хоҷагидорӣ бамиёномада мебошанд. Масъала оид ба табиати ҳуқуқии шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ ба миён меоянд. Оё шартномаи «Таъмини барқ», ки бо § 5 боби 35 Кодекси мадании ҶТ танзим мешавад, шартномаи мустақил ё намуди шартномаҳои хариду фурӯш, маҳсулотсупорӣ мебошанд? Ҳамзамон зарурияти баҳои қонунгузории ҷории маданӣ, аз ҷумла масъалаҳои тағйир ва қатъи шартномаҳои маданӣ – ҳуқуқиро танзимкунанда ба миён меояд.

Дар ин маврид дар айни ҳол дар илми ҳуқуқи маданӣ зарурияти таҳқиқ кардани маҷмӯи масъалаҳои танзими ҳуқуқии пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ, муайянкунии мавқеи шартномаҳои пешниҳоди хизматрасонии коммуналӣ дар низоми шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқии дар қонунгузорӣ пешбинишуда ба миён омадааст

Мубрамияти таҳқиқи назариявии муаммоҳои танзими ҳуқуқии институти шартномаҳои маданӣ-ҳуқуқӣ дар соҳаи хизматрасонии коммуналӣ дар он зоҳир мегардад, ки маҳз дарки чуқури моҳияти табиат ва мавқеи ин институт дар низоми меъёрҳои ҳуқуқи мадании соҳаи таҳқиқшавандаро танзимкунанда барои амалӣ гардонидани татбиқи дурусти амалии он имконият медиҳад.

2. Диссертатсия ба талаботи банди 31 ва 33 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ шудааст, мутобиқат мекунад. Диссертатсия кори илмӣ-тахассусии анҷомёфта буда, аз тарафи муаллиф мустақилона навишта шуда, дорои ягонагии дохилӣ мебошад. Натиҷа, нуқтаҳои навгонӣ ва илмии барои ҳимоя пешниҳодшуда метавонанд дар назария, такмили

қонунгузорӣ ва раванди таълим ба таври васеъ истифода шаванд, ки онҳо саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳанд.

3. Мавзуъ рисолаи диссертатсионии унвонҷӯ Атаев А.С. аз рӯйи ихтисоси 12.00.03.- ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ, ки ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018 пешниҳод шудааст, мувофиқ мебошад.

4. Натиҷаҳои асосии таҳқиқот дар 9 мақолаҳои илмӣ,аз ҷумла 5 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссися олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба табъ расонида шудаанд, ки онҳо фарогирандаи мазмун ва моҳияти диссертатсия мебошанд. Дар интишорот натиҷаҳои асосӣ, хулосаҳои таҳқиқот ва тавсияҳои муаллиф инъикоси худро ёфтаанд. Теъдоди маводи чопшуда ба банди 35 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст мувофиқ мебошад.

5. Дар таҳқиқоти диссертатсионии Атаев А.С. истифодаи мавод бидуни иқтибос ба муаллиф ё маъхаз мавҷуд набуда, ҳамаи сарчашмаҳои истифодашуда бо ишора ба муаллиф ё маъхаз тавассути иқтибос ба расмият даровардa шудаанд, ки аз риоя шудани банди 37 Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, гувоҳӣ медиҳад.

6. Дар рисолаи илмӣ ва дигар ҳуҷҷатҳои пешниҳоднамудаи Атаев А.С. маълумоти ғайрисаҳеҳ, аз ҷумла дар бораи корҳои аз тарафи довталаб чопгардида, мавҷуд намебошад.

Банди 61-и Низомномаи Шӯрои диссертатсиониро, ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, таҳти №267 (бо тағйиру иловаҳо аз 26 июни соли 2023, №295) тасдиқ гардидааст, ба роҳбари гирифта, комиссия пешниҳод менамояд:

1. Диссертатсияи Атаев Акмалхон Саидумарович, ки барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ аз рӯйи ихтисоси 12.00.03. Ҳуқуқи гражданӣ; ҳуқуқи соҳибкорӣ; ҳуқуқи оилавӣ; ҳуқуқи байналмилалии хусусӣ ба Шӯрои диссертатсионии 6D.KOA-018 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон пешниҳод шудааст, барои ҳимояи такрорӣ қабул карда шавад.

2. Муқарризони расмӣ аз рӯи диссертатсия шахсони зерин таъин карда шаванд:

Бобозода Ҷамрод Курбон- доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, мудири кафедраи ҳуқуқи иқтисодӣ, молиявӣ ва зиддикоррупсионии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон

Сидиқов Дилшод Аҳрорович- номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти кафедраи ҳуқуқи мадании факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи (Словянии) Россия ва Тоҷикистон;

3. Ба ҳайси муассисаи пешбар- Муассисаи давлатии илмии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон таъйин карда шавад.

4. Барои нашри эълон оид ба ҳимояи минбаъда ва ҷойгир намудани авторефират дар сомонаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон иҷозат дода шавад.

5. Барои чопи автореферат бо ҳуқуқи дастнавис иҷозат дода шавад.

6. Рӯзи ҳимоя санаи 22 апрели соли 2025 соат 10:00 таъин карда шавад.

**Раиси комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Маҳмудзода М.А.

**Аъзои комиссия:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
аъзои Шӯрои диссертатсионӣ Мирзозода П.З.

номзади илмҳои ҳуқуқшиносӣ, дотсенти
кафедраи ҳуқуқи соҳибкорӣ ва тиҷоратии
факултети ҳуқуқшиносии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Кабутов Э.Д.

17.02.2025